**ХУЛОСАИ**

**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №__26__

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 30 январи соли 2020**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна, соли таваллудаш 1971, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз соли 1993 дар мактаби тахсилоти миёнаи умумии №27-и деҳаи Чоркӯх, аз соли 2005-2010 директори мактаби мазкур, солхои 2010-2014 сардори раёсати маорифи ша҇ри Исфара, солхои 2014-2015 сармутахассиси шуъбаи кадри дастго҇и раиси ша҇ри Исфара, солҳои 2015-2016 ёвари директори кулли “Ангишт”, 2016-2018 муовини директори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шахри Исфара ва аз соли 2018 то инҷониб директори муассисаи мазкурро ба уҳда дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Худойдодов Аъзам Овлододович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**1.Восиева Рухшона Қурбоновна**-доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода;

**2.Нуров Нуралӣ Норович**-номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров;

- **Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Дар тақризи муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омадааст, ки саргузашти Юсуф ва Зулайхо яке аз беҳтарин ва муассиртарин қиссаҳо дар адабиёти ҷаҳон маҳсуб ёфта, сюжети он аз фолклори

сомӣ сарчашма гирифтааст ва он тадриҷан ба таркиби китобҳои муътабари диннӣ-Библия ва Қуръон ва бо гузашти садсолаҳо ба адабиёти халқҳои олам роҳ ёфтааст. Қиссаи мазкур ба мисли достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хусрав ва Ширин», «Вис ва Ромин» ва амсоли ин собиқаи куҳан дошта, мувофиқи ахбори сарчашмаву маъхазҳо беш аз 80 нафар адиб ба назму наср асарҳо офаридаанд, ки зикри онҳо дар тазкира, ҷунгу баёз ва доиратулмаорифҳо сабт ёфтаанд.

Дар ин замина иншо шудани диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» андешаи нав дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Мубрамияти мавзӯи мавриди назар дар он ифода меёбад, ки бори нахуст диссертант масъалаҳои муҳтаво, сохтор, сужет, манбаъҳо, сарчашмҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро, ки аз достонҳои ҷаззобу дилнишин мебошанд, дар муқоиса ба таҳқиқ гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ хеле муфиданд, аз ҷумла:

1.Ба андешаи мо, муҳиммии мавзӯъ боз ҳам ба пурқувват кардан ниёз дорад.

2. Бо вуҷуди он ки дар қисмати хулоса аз муҳтавои бобҳои кор хеле хуб натиҷагирӣ карда шудааст, хулосаи баъзе бобҳо мукаммал нест.

3. Китобномаи диссертатсияро мутобиқ ба талаботи КОА-и Тоҷикистон ислоҳ бояд намуд.

4. Дар саҳифаҳои гуногуни рисола ғалатҳои имлоӣ ва китобат (12,15,18,26, 2730,30,33,34,47,48,77,89,93,108...) ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро беҳтар хоҳад намуд.

5.Баъзе аз нуктаҳои зикршудаи ислоҳталаб дар саҳифаҳои фишурдаи рисола низ дида мешаванд.

Камбудиҳои мавҷуда, албатта, ба мазмуну муҳтавои рисола латмае ворид намекунад. Баръакс ислоҳи онҳо ба манфиати диссертатсия ва диссертант аст.

Автореферати диссертатсия, монография ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои номнависшудаи КОА-и Тоҷикистон мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос карда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филолоғия аз рӯйи ихтисоси 10.01.-01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Диссертант 1 монография, 3 мақола ба табъ расонидааст, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудааст.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Ҷавҳарова М.О. “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.- 192 с.
2. Ҷавҳарова М.О. Манбаҳои масехии достонҳои “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ / Ҷавҳарова М.О. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ). –Душанбе, 2019. -№1 (78). - С.204-208.
3. Ҷавҳарова М.О. Сарчашмаҳои достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ / Ҷавҳарова М.О. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ). – Душанбе, 2019. -№2 (79).- С.223-225.
4. Ҷавҳарова М.О. “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ / Ҷавҳарова М.О. // Номаи донишгоҳ.- Хуҷанд, №4 (61), 2019 - С. 160-178.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Маҳкамов Сайфулло** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарии Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Тақриз мусбат буда, дар он зикр мешавад, ки аз баррасии мавзӯъ хуб ба назар мерасад, ки муҳаққиқ мавзӯъро ба бобҳову фаслҳои муназзам тақсимбандӣ карда, аз сарчашмаву адабиёти зиёди илмӣ ва тафсирҳо истифода кардааст. Дар баробари муҳассаноти мазкур дар рисолаи М. Ҷавҳарова баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо фазилатҳои илмию пажӯҳишии рисолаи мазкурро меафзояд:

-Достони Ховарии Шерозӣ, ки дар асри Х1Х эҷод шудааст, бояд бо достонҳои дар ин давра эҷодшуда муқоиса карда мешуд.

-Ба назари мо, дар автореферат ғояи марказии достонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ховарии Шерозӣ муфассал таҳқиқ нагардидаанд.

**Акрамов Файз Маҳрамович**-номзади илмҳои филологӣ, муовини Ректор оид ба корҳои тарбия ва ташкили Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва **Насриддиниён Бобишоҳи Ҳасанпур**- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки иншо шудани достонҳои ишқии романтикӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ, ба вижа қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» таърихи куҳан дошта, дар адабиёти тоҷикии форсӣ нақши муассир дорад. Диссертатсияи (автореферат) мавриди назар низ ба пажӯҳиш ва муқоисаи «Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шуда, бори нахуст масъалаҳои муҳтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аз достонҳои ҷаззобу дилнишин

мебошанд, дар муқоиса омӯхта мешаванд. Новобаста аз дастовардҳо ва бартариҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

-Унвонҷӯй мубрамӣ ва зарурати мавзӯи таҳқиқотро боз ҳам жарфтар мавриди омӯзиш бояд қарор медод.

-Дар автореферат адабиёти иқтибосҳо зикр наёфтаанд ва он ба диссертатсия ишора мешавад. Барои чӣ? Дар кадом асос?

**Турсунов Ғолиб Абдусобирович**-номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи Шарқи наздики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода. Тақриз мусбат буда, зикр шудааст, ки фишурдаи рисолаи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна моҳияти асосии рисоларо комилан ифода мекунад, бо вуҷуди ин автореферат аз баъзе камбудиҳо орӣ нест:

-Муаллиф дар боби аввал ба масъалаи манбаъ ва сарчашмаҳои достонҳои "Юсуф ва Зулайхо" бештар аз нигоҳи динӣ таваҷҷӯҳ кардааст, ҳол он ки дар ин масъала дар кутуби назарӣ ва адабиётшиносӣ низ матраҳ шудааст.

-Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд (саҳ.11,12), ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**Зайниддинов Мухтадо**-номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, муқарриз зикр мекунад, ки мубрамият ва зарурати таҳқиқи мавзӯи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки муҳтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмаҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои "Юсуф ва Зулайхо"-и ин ду суханвар ба таври муқоиса бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ меёбад. Дар баробари дастовардҳои зиёд дар диссертатсияи мазкури Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна камбудиҳо ба назар мерасанд:

-Унвонҷӯ дар таъйини мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи мавзӯъ чунин андеша баён кардааст, ки "Масъалаи омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном хеле васеъ ва доманадор аст, ки ин анъана, яъне ба мавзӯю сюжети як асар ҷавоб гуфтан аз асри X шурӯъ шуда, то ибтидои асри XX идома ёфтааст". Ин ҷо матлаб чунин ифода ёфтааст, ки гӯё омӯзиши муқоисавиии достонҳои ҳамном аз асри X шурӯъ шуда бошад. Бояд ба назар гирифт, ки омӯзиши муқоисавӣ ва анъанаи достонсароӣ ду масъала ва ҷузъиёти ҷудогонаанд.

-Дар тавзеҳи фасли сеюми боби аввали диссертатсия –"Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ қайд гардидааст, ки "Достони "Юсуфу Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ дар пайравӣ ба ягон шоире суруда нашуда, мустақил аст". Дар банди 4-уми хулосаи автореферат унвонҷӯ ба чунин натиҷагирӣ расидааст:"Мирзо Фазлулоҳ Ховарии Шерозӣ дар асри XIX достони "Юсуф ва Зулайхо"-ро навиштааст, ки як навъ ҷавоб бо достони Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, чунки дар ду боби "Сабаби назми китоб..." Ховарӣ даъво кардааст, ки бо Ҷомӣ ҳампанҷа шавад. Достони Ховарӣ бо достони Ҷомӣ аз нигоҳи сюжет ва вазн ҳамгун аст, вале аз нигоҳи ҳаҷм ва устухонбандӣ фарқ дорад". Аз ин ду иқтибос бармеояд, ки

андешаи дар боби аввал баёншуда қобили дастгирӣ набуда, як навъ инкори андешаи худи унвонҷӯ ва воқеияти таърихию бадеӣ мебошад.

-Дар фаслҳои дуюм, сеюм ва чоруми боби дуюм ба ҷойи мафҳуми "симо" кор фармудани истилоҳи "образ" ба мақсад мувофиқ аст.

-Дар автореферати диссертатсия овардани чанд сарчашмаи истифодашудаи адабӣ ва илмию назарӣ дар поварақ ва ё пас аз хулоса дар шакли рӯйхати адабиёт зарурат дорад.

**Бобоева Т.Р.**- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии ДПДТТХ ба номи академик М. Осимӣ. Тақриз мусбат аст. Вале муқарриз зикр менамояд, ки новобаста аз дастовардҳо ва бартариҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

1.Дар матни рисола ғалатҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмӣ аст;

2.Дар автореферат манбаи иқтибосҳо дар охири фишурда зикр наёфта, ишора ба диссертатсия шудааст. Ҳол он ки дар бештари автореферaтҳо иқтибосҳо дар охир оварда шудаанд.

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсони автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимии ҷанбаъҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок меғардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи адабиётшиносӣ оид ба адабиёти классикӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи адабиётшиносӣ, бахусус дар таърихи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, назарияи адабиёт ва накди адабӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки бори нахуст масъалаҳои муҳтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аз достонҳои ҷаззобу дилнишин мебошанд, дар муқоиса омӯхта мешаванд ва ба тарзи муқоиса омӯхтан ва пажӯҳиш намудани достонҳо аз усули санҷидашуда ва меъёри хуби адабиётшиносӣ аст. Нуктаҳои дигаре, ки аҳамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро бозгӯӣ мекунанд, пажӯҳиши муқоисаи монандӣ ва фарқи достонҳо, таҳлили ғоявӣ ва образҳои марказӣ ва таҳлили вежагиҳои услубӣ ва бадеии асарҳои ҳамном мебошад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии достонҳои ҳамном дар фазои умумии адабиётшиносӣ ҳаллу фасли чаҳор ҳадафи зарурирo дар бар мегирад: 1) достонҳои ҳамном дар муқоиса таҳлил ва таҳқиқ карда мешаванд; 2) дар омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном ҳунар ва қудрати

эҷодии шоири ҷавобгӯянда муайян мегардад, ки то куҷо дар эҷоди достон муваффақ гардидааст; 3) бо шоирони мубтакир дар муқоисаи эҷодӣ қарор доштан дар густариши минбаъдаи адабиёт ва раванди адабӣ муфид аст; 4) ба достони ҳамном ҷавоб гуфтан ҳаргиз тақлиди маҳз нест ва пайравиву истиқболи эҷодкорона аст. Аҳамияти назарии таҳқиқот омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамноми «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро дар бар мегирад, ки як самти муҳими адабиётшиносӣ мебошад.

Натиҷаву хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар самти сарчашмашиносӣ, таърихи адабиёт, матншиносӣ, сабкшиносӣ, назарияи адабиёт, робитаҳои адабӣ ва таъсири Қуръон ба адабиёти форсии тоҷикӣ ва ғайра истифода шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки истифодаи методология ва методикаи мушаххаси муқоисавии достонҳои ҳамном дар адабиётшиносӣ аз омили муҳими муайянкунии ҳунари шоирон аст, ки кадоме аз онҳо муваффақ шудаанд ва ҷойгоҳу мақоми шоири ҷавобгуфта ба таври мушаххас муайян мегардад. Баъд, ба сюжетҳои фолклорӣ ва қиссаҳои муътабаре, ки дар китобҳои “Таврот” ва “Қуръон” омадаанд ва шоирони зиёд дар асоси ин сюжетҳо достонҳо ва асарҳои алоҳида ба назму наср офаридаанд, рӯ овардани шоирони давраҳои баъдӣ як навъ мусобиқаи ҳунарӣ ва эҷодӣ аст. Дигар, маводу хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонад дар таҳия ва навиштани китобҳои дарсӣ барои донишгоҳҳои олӣ, омӯзиши давраҳои мухталифи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳангоми таҳияи комплексҳои таълимӣ-методӣ ва курсҳои махсус дар донишгоҳҳои олӣ, миёна ва миёнаи махсус, дар мавриди навиштани мақолаҳои илмӣ ва адабӣ, дастур ва барномаҳои таълимӣ ва навиштани диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ истифода шавад.

**Мутобиқи мақсаду вазифаҳои диссертатсия** зимни таҳлили илмии мавод аз усулҳои таърихӣ, оморӣ, муқоисави таърихӣ, шинохти осори адабӣ, инчунин, таҳқиқот ва дастурҳои назарии донишмандон ва муҳаққиқони таърихи адабиёт ба кор гирифта шудааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки таҳқиқи муқоисавии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ бори аввал ба шакли диссертатсионӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши нахустин дар мавриди таҳқиқи муқоисавии ду достони ҳамном мебошад.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 30 январи соли 2020 дар бораи ба Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 20 нафар иштирок дошт, ки аз ин 6 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик мебошанд, дар

ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест «баргаҳои беэътибор» - нест.

Баромади Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, дотсент **Восиева Рухшона Қурбоновна**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Нуров Нуралӣ Норович** ва тақризҳо ба автореферaтро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Монография ва мақолаҳои илмии чопкардаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷикро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.С.

И.в.котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Элбоев В.Ҷ.

30 январи соли 2020